***Тоҷик / тоҷикҳо***

Қавме мусулмон ва форсизабон аз нажоди ориёӣ, қадимитарин сокинони Осиёи Марказӣ ва Афғонистон ва ноҳияи Син Кёнги Чин, ва умдатарин аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XIV. Ин қавм дар шимоли Ҳиндустон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Эрон низ парокандаанд. Шарқитарин минтақаи тоҷикнишин - водии Сарикӯли Син Кёнги Чин аст (Ҳаммом, саҳ. 94). Тоҷикҳо дар Эрон асосан дар устонҳои Хуросон ва Сиистону Балучистон басар мебаранд (Кайҳон, ҷ. 2, саҳ. 46, 211; Маркази омори Эрон, саҳ. 30).

Дар бораи аслу насаби қавми тоҷик назарҳои гуногуне матраҳ шудааст, аз ҷумла: фарзанди араб, ки дар Аҷам зода ва бузург шудааст, тоифаи ғайриараб, ки бо матлаби қаблӣ таноқуз дорад ва тоифаи ғайритурк (Бурҳон, зайли "тоҷик"; шод. Ғиёсиддин Ромпурӣ; Алӣ Акбар Нафисӣ, зайли модда), номи қавме аз туркҳо (Сомӣ, зайли модда), ғуломи озоде, ки кишоварз бошад (Алӣ Акбар Нафисӣ, ҳамон ҷо) ва насли эронӣ ва форсизабон (Доъӣ ул-ислом, зайли модда). Муҳаммад Юсуфхон дар *Таърихи Юсуфӣ* тоҷикҳоро муғул донистааст, дар ҳоле ки муғулҳо ғайри худро тоҷик мегуфтаанд (Оқабош Қоҷор, саҳ. 271).

Лафзи тоҷик ба суратҳои "тозик" ва "тожик" низ омадааст (Бундҳиш, саҳ. 31; Доъӣ ул-ислом, зайли "тозик"; Баҳор, саҳ. 161; Мираҳмадӣ, саҳ. 237). Сибиус таърихнигори армании садаи аввал/ҳафтум, борҳо тоҷикро ба маънои араб овардааст (саҳ. 53, 74-75, 78, 134; низ Бартолд 1373 шамсӣ, саҳ. 54). Ба навиштаи Сундерманн (саҳ. 56) суғдиҳои пеш аз ислом ба арабҳо "тожик" мегуфтаанд, аммо вай (саҳ. 57) тоҷикҳоро монавиёне донистааст, ки ба форсии нав сӯҳбат мекунанд ва аз қарни севвум/нӯҳум адабиёти монавии барҷастае ба форсии нав офаридаанд. Ҳамчунин, "тозак" мухаффафи "тозик" ё "тоҷик" аст, ки туркон ба эрониён итлоқ мекардаанд (Байҳақӣ, ҷ. 2, саҳ. 520, ҳавошии Хатиб Раҳбар, саҳ. 609; Доъӣ ул-ислом, зайли модда). Тоҷик ба маънои қавми ориёинажод аз решаи "тот" аст (Моҳбор Наввобӣ, саҳ. 446). Номи "Доитиё" (рӯде муқаддас дар Эронвич) дар Авасто, ба эҳтимоли қариб ба яқин бо вожаи "тот" ва "тоҷик" ҳамреша аст. Ҳамчунин, "Додик", ки бахше аз Авасто дар бораи масоили фиқҳӣ будааст – метавонад бо вожаи тоҷик муртабит бошад (Авасто, саҳ. 659; Саҷҷодия, саҳ. 177-178; Тафаззулӣ, саҳ. 72). Эҳтимол дорад, ки вожаи тоҷик аз решаи дод ба изофаи пасояндаи -ик (додик, ба маънои бисёр додгар) дар форсии-тоҷикӣ бошад. Монанди хандоник (касе, ки бисёр механдад).

Аз қавми тоҷик дар садаҳои гузашта ба номи "сорт" аз решаи "сартҳаваҳа" санскрит (सार्थवाह М.Р.) ба маънои "бозаргон" ёд шудааст. Муғулҳо пас аз ҳамла ба Осиёи Марказӣ дар авоили қарни ҳафтум туркҳои саҳронишинро турк ва форсизабононро шаҳрнишин ва рустонишинро сорт мегуфтаанд (Д. Тоҷикӣ, ҷ. 6, саҳ. 609). Абулғозӣ дар қарни XI тоҷикҳои Хоразмро "сорт" ва тоҷикҳои Бухороро "тоҷик" номида (Бартолд, 1373 ш, саҳ. 64), ки эҳтимолан манзури ӯ аз "сорт" тоҷикҳои омезишёфта ва аз "тоҷик", тоҷикҳои холис будааст. Истилоҳи "сорт" дар

замони темуриён (771-916) корбурди бештаре дошта ва мутародифи тоҷик ба кор мерафтааст (Мираҳмадӣ, саҳ. 244).

Амир Алишер Навоӣ (844-906) ба форсизабонон, Заҳируддин Бобур (вафот 937; г 3) ба аҳолии Фарғона ва Бланкеннагел ва Вамбери ба қадимтарин сокинони бумии Хоразм "сорт" гуфтаанд (Р. Масов, 1996, саҳ. 126). Пажӯҳишгарони русӣ монанди А.Л. Кон, В.П. Наливкин, А. Гартнер, А.Д. Гребенкин ва А.К. Буняковский қадимтарин аҳолии Фарғонаро тоҷикҳо зикр кардаанд (Бобохонов, саҳ. 60-61). Дар охири асри XIII ба омезае аз турку тоҷик "сорт" мегуфтаанд, ки ҷамъияте беш аз як миллион нафар доштаанд. Дар охири асри XIII ва ибтидои асри XIV низ дар қисматҳое аз Осиёи Марказӣ гоҳе ба қазоқҳо ва қирғизҳо "сорт" гуфта мешудааст (Бартолд, 1373 ш, саҳ. 65; Донишномаи Тоҷикистон, ҳамон ҷо), Бартолд (1373 ш, саҳ. 57) ба тоҷикҳои навоҳии кӯҳистонӣ "ғарча" ё "ғарчагон" (ғар: кӯҳ) гуфтааст.

Дар манобеъи Юнони бостон ва Чин низ дар бораи қавми тоҷик матлабе омадааст. Геродот (484-425 пеш аз мелод; ҷ. 3, саҳ. 190) дар зикри ноҳияи ҳафтуми молиётии давлати ҳахоманишиён, ки бахше аз Осиёи Марказиро фаро мегирифт – номи чаҳор қавм – сотожӣ, гандара, додик ва апарйеро, ки 170 толон (воҳиди вазне дар Юнони қадим баробари 26 кг) ба хазонаи шоҳӣ мепардохтаанд, зикр кардааст (низ Пирниё, ҷ. 2, саҳ. 1473; Навинабӣ, саҳ. 100; Отахонов, саҳ. 2). Пирниё (ҷ. 1, саҳ. 733) дар бахше аз китоби худ, ки ба силоҳҳои артиши ҳахоманишиён пардохтааст ба қавми додикс (бо ҳифзи пасоянди юнонии "с") ё додик, дар канори қавмҳои машҳури Осиёи Марказӣ монанди суғдӣ ва портӣ ва хоразмӣ ишора карда ва онҳоро тоҷикҳои қарнҳои баъд, сокин дар Бухоро ва перомуни он донистааст (низ Ҷовид, саҳ. 193). Дар солномаҳои чинии асри II мелодӣ аз қавми "таҳоҷӣ" (Муҳаммадҷон Шакурӣ, 1996, саҳ. 28; Қ. Саҷҷодия, саҳ. 179, ки онро "тоучӣ" сабт карда) ёд шудааст, ки эҳтимолан сурати пешини вожаи тоҷик дар забони чинӣ аст. Нависандаи чинӣ дар нимаи дуввуми асри аввал/ҳафтум сокинони Тахористонро "дошӣ" номидааст (Неъматов, 1979, саҳ. 241-242 ба нақл аз Бернштам); бинобар ин метавон вожаҳои доитиё, додикс ё додик, додӣ, таҳочӣ, тоючӣ ва дoшиpо суратҳои дигари вожаи тоҷик донист.

Баъзе калимаи тоҷикро баргирифта аз номи қабилаи "тоҷ" (Доъӣ-ул-ислом, ҳамон ҷо; Зеҳнӣ, саҳ. 216) ва бархе дигар онро баргирифта аз номи қабилаи арабии "тайӣ" (Сундармон, саҳ. 51; Моҳиёр Наввобӣ, ҳамон ҷо, Мираҳмадӣ, саҳ. 237) ва низ баргирифта аз номи қавми "чот" (ё чат/ҷат), ки дар Эрону Покистон сокинанд (Саҷҷодия, саҳ. 177) – донистаанд. Бархе дигар низ тоҷикро баргирифта аз вожаи "тоҷ" зикр кардаанд (С. Айнӣ, саҳ. 41; Шакурӣ, 1996, Ҳамон ҷо; Гадозода, саҳ. 97-98; Ҷовид, саҳ. 204-205; Умарзода, саҳ. 268). Муҳити Таботабоӣ (саҳ. 104) тоҷикро сифате барои форсизабонон дониста ва нисбат доштани онро ба қабилаи "тайӣ" рад кардааст.

Дар асноди Турфони мутааллиқ ба ҳазор соли пеш, вожаи "таҷигайӣ" муштақ аз тожик ба кор рафтааст, ки наметавон онро аз қавми тоҷики сокин дар Осиёи Марказӣ ҷудо донист (Сундармон, саҳ. 48-49). Ҳамчунин, вожаи тоҷик дар Девон-

ул-луғоти турк (таълиф дар 466) ба сурати “тажак” зикр шудааст (Кошғарӣ, зайли “тажак”).

Қавми тоҷик дар се марҳила ва дар се минтақа ташкил ёфтааст: дар давраи сосониён (226/652 мелодӣ) дар шимолу шарқии Хуросон; дар садаи аввал ва дуввум дар Мовароуннаҳр ва дар давраи сомониён (261-389) дар қаламрави давлати Бухоро (Неъматов, 1997, саҳ. 80-83). Қавми тоҷик шомили ин гурӯҳҳост: суғдиҳо (сокин дар водии Зарафшон ва Қашқадарё ва перомуни қисмати миёнаи Сирдарё), бохтариҳо (сокин дар ҳошияи саргаҳ ва перомуни Омударё), марғиёниҳо ва портҳо (сокин дар ҳошияи Мурғоб ва шимолу ҷануби кӯҳи Купадоғ), хоразмиҳо (сокин дар қисмати поёнии Омударё), фарғониҳо (сокин дар водии Фарғона) ва сакоиҳо (сокин дар саҳрои Осиёи Марказӣ ва ноҳияҳои кӯҳистонии Тиёншон ва Олой ва Помир, Ғафуров Б., ҷ. 1, саҳ. 571-572; Неъматов, 1997, саҳ. 84; Гадозода, саҳ. 94; “Таърихи халқи тоҷик”, ҷ. 2, саҳ. 554-556; БСЭ, ҷ. 41, саҳ. 464). Аз қабилаи машҳури “тур”, ки дар Осиёи Марказӣ басар мебаранд – низ ба унвони ниёкони қавми тоҷик ёд шудааст (Яъқубшоҳ, саҳ. 217; М. Бобохонов, саҳ. 22). Батлимус аз қабилаи баксорт, ки эҳтимолан ҳамон сорт аст – хабар додааст, ки дар садаи чаҳоруми пеш аз мелод дар канори рӯди Яксорт (Сирдарёи кунунӣ) зиндагӣ мекардаанд (Масов, саҳ. 137).

Рушди ҳукумати ҳахоманишиён дар ташаккули қавмии аҷдоди тоҷик нақши бузурге доштааст (Бобохонов, саҳ. 27-28). Дар ҳазораи якуми пеш аз мелод, суғдиҳо, бохтариҳо, марғиёниҳо, портҳо, хоразмиҳо, фарғониҳо, сакоиҳо, турҳо ва сортҳо / сартҳо, ки ҳамагӣ ориёӣ буданд ва ба забонҳои бостонии эронӣ гуфтугӯ мекарданд, муносибатҳои бозаргонию иқтисодӣ ва сиёсӣ ва низ муштаракоти фарҳангӣ доштанд (Ғафуров Б., ҷ. 1, саҳ. 30-31, 572; Неъматов, 1997, саҳ. 82; “Таърихи халқи тоҷик”, ҷ. 2, саҳ. 556).

Дар ташаккули тоҷикҳо, туркҳо, ки аз садаи чорум то ҳаштуми мелодӣ ба Осиёи Марказӣ роҳ ёфта буданд ва низ арабҳои сокин дар он ҷо, ҳузур доштаанд (“Таърихи халқи тоҷик”, ҳамон ҷо). Омилҳое ҳамчун қарор гирифтани тоифаҳо дар канори ҳам, доду ситад, қарор доштан дар масири Роҳи Абрешим ва муштаракоти фарҳангию забонӣ, аз муҳимтарин заминаҳои ташаккули қавми тоҷик ба шумор меравад (Неъматов, 1997, саҳ. 44). Бо ҳузури ҳамин тоифаҳо ва муносибатҳои онҳо дар асри IV ва V мелодӣ, қавми тоҷик шакл гирифт. Пуштибонии сомониён аз забону адаби форсии дарӣ муҷиби истиқлоли фарҳангӣ ва сиёсии қавми тоҷик шуд ва заминае фароҳам сохт то забони форсӣ то ҳазор соли баъд бимонад ва забони расмии давлатии қавми тоҷик шавад (идомаи мақола; Ғафуров, ҷ. 1 саҳ. 572; Шакурӣ, 1996, саҳ. 34; Энсиклопедияи калони советӣ, ҷ. 25, саҳ. 283; Неъматов, 1997, саҳ. 82; Шариф Шукуров, саҳ. 5). Аз марказҳои фарҳангии тоҷикнишин, ки дар ташаккули тоҷикҳо нақши муассир доштанд метавон ба Бухоро, Самарқанд, Балх, Марв, Нишопур, Хуҷанд, Ахсекат, Панҷикат, Ҳулбук ва Тирмиз ишора кард (Бартолд, 1927, саҳ. 17-21). Пас аз давраи сомониён агарчи ҳукуматҳои туркнажоде монанди қарохониён, ғазнавиён, кидданҳо, хоразмшоҳиён, салҷуқиён ва муғулҳо ба қудрат расиданд, фарҳанг ва бавежа забони қавми тоҷик ҳифз шуд. Дар

қисматҳое аз Осиёи Марказӣ низ давлатҳои тоҷикӣ вуҷуд дошт, аз ҷумла давлати ғуриён аз 543 то 612 дар вилояти Ғур дар Афғонистон, картҳо аз қарни 7 то 8 дар Ҳирот, сарбадорон дар қарни 8 дар Самарқанд ва низ ҳукуматҳои бахшҳои шарқии Бухоро (М. Бобохонов, саҳ. 71, 83-92).

Бештари тоҷикҳо суннии ҳанафӣ ва иддае аз онон дар Помир шиъаи исмоилианд (Ҳаммом, саҳ. 94-95).

Дар бораи вежагиҳои қавми тоҷик матолиби фаровоне дар манобеъ зикр шудааст; ин қавм ба доштани адолату зиндагии мусолиматомез васф шудаанд (Навбаҳор, саҳ. 220-221) ва ононро мардумоне ғайримутазоҳир, қадршинос, кушодарӯ ва ором донистаанд (Ҳамон, саҳ. 217; Поину, саҳ. 296; Сайидӣ, саҳ. 305). Тоҷикҳо бо зодгоҳи худ пайванде ногусастанӣ доранд, умдатан раъият ва заҳматкашанд ва замини мурдаро эҳё ва сарсабз месозанд, ба аҳди худ вафодоранд ва бар доштани равобити ҳасана ё миллатҳои дигар ва равобити хешовандӣ ва ҳусни муомила таъкид доранд (Навбаҳор, саҳ. 218-222; Шервонӣ, саҳ. 184; Сиддиқӣ, саҳ. 235). Тоҷикҳои кӯҳистоннишин низ ба сулҳталабӣ ва доштани рӯҳияи рустоӣ ва ҳамгаро машҳуранд (Ҳаммом, саҳ. 97). Попов М.Г., ки дар бораи гиёҳони Осиёи Марказӣ пажӯҳиш карда, навиштааст, ки дар ҳар ҷое ки тоҷикҳо ба сар мебурдаанд, осор ва бақоёи олии кишоварзӣ ва навъҳои гиёҳони пурбор ва арзишманд дида мешавад. Колдевин Н. вежагии боразӣ қавми тоҷикро сулҳдӯстии онон донистааст. Ба гуфтаи Миддендорф А.У., ин қавм тавонистааст бо сахткӯшӣ роҳи пешрафти худро тайи асрҳо ҳамвор кунад (Масов, саҳ. 130-131, 145-146). Искандар Муншӣ (ч. 2, саҳ. 557) аз қавми тоҷик ба "нудамо ва мутрибон" ёд кардааст. Ба навиштаи Шервонӣ (ҳамон ҷо) қавми тоҷик уламо ва фузало ва ҳукамои бисёре доштааст. Ин қавм ҳаргиз ҳуввияти фарҳангӣ ва забонӣ ва адабии худро аз даст надодааст (Сиддиқӣ, ҳамон ҷо).

Аз одоби тоҷикҳо, ҷашни Наврӯз шӯҳрати фаровон дорад (Донишномаи шӯравии тоҷик, ч. 7, саҳ. 429). Онҳо дар даҳаи 1970 / 1350 шамсӣ дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷашни Наврӯзро эҳё карданд, ки бар ҷумҳуриҳои дигар, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Озарбойҷон ва Ӯзбекистон, таъсир гузошт. Аз дигар суннатҳои он ҷо: "хонабурорӣ" (хонатаконӣ), "чоршанбе охирон" (чоршанбесурӣ) ва "суманак" (барои маълумоти бештар Мусулмониён Қубодиёнӣ, саҳ. 30-36).

Аз омезиши тоҷикҳо ва туркҳо аҷдоди ӯзбекҳо ба вуҷуд омадаанд (Ҳаммом, саҳ. 91). Радлоф, ки дар асри 13 / XIX ба Осиёи Марказӣ сафар карда, гуфтааст, ки рафтору ахлоқи ӯзбекҳо шабеҳ ба тоҷикҳост (Сиддиқов, саҳ. 6). Яборский, ки дар соли 1984 / 1363 ба болооби Қашқадарё ва Сурхондарё сафар карда, ҳамаи аҳолии ин хиттаро тоҷик дониста ва онҳоро зебо ва пуртоқат васф карда ва аз норозигии онҳо аз зулму ғорати ӯзбекҳои Бухоро хабар додааст (Масов, саҳ. 133). Ба навиштаи Семенов, агарчи тоҷикҳо таҳти султаи ӯзбекҳо будаанд, тавонистаанд бо талоши худ раҳоӣ ёбанд ва тақрибан ҳамаи мансабҳои олиро дар давлати ӯзбекҳо ба даст оваранд (Ҳамон, саҳ. 140). Ба навиштаи Бартолд (1373 шамсӣ, саҳ. 61) ҷойгоҳи тоҷикҳо чунон буд, ки туркҳо наметавонистанд бидуни онон зиндагӣ кунанд.

Ҳамчунин, одобу русуми тоҷикҳо дар ташаккули қавмӣ ва мадании қабилаҳои Осиёи Марказӣ, ҳангоми табдил аз зиндагии ашоирӣ ба якҷонишинӣ, саҳми умдае доштааст. Пойдории ин қавм дар тамаддуни худ, бавежа забон ба андозае буд, ки дар ҳукумати ӯзбекҳо форсизабонони девон ва дафотири давлатӣ буд (Мираҳмадӣ, саҳ. 243-246, Донишномаи шӯравии тоҷик, ҳамон ҷо). Амирони Бухоро барои ҷалби ҳимояи мардум форсии тоҷикиро забони давлатӣ қарор дода буданд ва дар Ҷумҳурии Бухоро, ки сентябри 1920 ташкил шуда буд, форсии тоҷикӣ ҳамчунон забони расмӣ ва давлатӣ буд (Алиев, саҳ. 365; Мираҳмадӣ, ҳамон ҷо; Бартолд, 1373 шамсӣ, саҳ. 73; Масов, саҳ. 145).

Дар соли 1920 / 1299 ба мӯҷиби Қонуни асосии Ҷумҳурии Туркистон қирғизҳо, ӯзбекҳо ва туркманҳо ақвоми бумӣ шинохта шуданд ва аз тоҷикҳо, ки қадимтарин саканаи минтақа буданд, зикре ба миён наёмад (Бартолд, 1373 шамсӣ, саҳ. 75), дар ҳоле ки аҳолии тоҷикҳои Осиёи Марказӣ дар аввали асри XX (тибқи омори рӯзномаи Зарафшон аз 11 сентябри соли 1923) ба 3 млн 400 ҳазор нафар мерасид: 2 млн 100 ҳазор нафар дар Ҷумҳурии Бухоро, 750 ҳазор нафар дар вилояти Самарқанд, 400 ҳазор нафар дар водии Фарғона ва бақия дар навоҳии дигар (Шакурӣ, 1373 шамсӣ, саҳ. 381; Масов, саҳ. 85; Бобохонов, саҳ. 152). Дар соли 1924 ба мӯҷиби тақсимбандии марзҳои Осиёи Марказӣ ("табартақсим") Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон дар таркиби Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Ӯзбекистон бо аҳолии камтар аз як чаҳоруми тоҷикҳои минтақа (бидуни Бухоро ва Самарқанд ва Хуҷанд ва даҳҳо шаҳри муҳимми тоҷикнишини дигар) ташкил шуд ва забони тоҷикӣ дар он расмият ёфт. Ба навиштаи Муҳиддинов (саҳ. 372-373) дар ҳудуди 1920 панҷ ё шаш хонавода аз нажоди ӯзбек ва ё туркзабон дар шаҳри Бухоро зиндагӣ мекарданд, ки ба қабилаи дурман мансуб буданд ва дар маҳаллаи Дурмани шаҳри Бухоро зиндагӣ мекарданд ва бақияи аҳолии Бухоро ва 90% мардуми атрофи шаҳр тоҷик буданд. Ба навиштаи Ҷалол Икромӣ (саҳ. 361) ҳудуди шаст сол пас аз ташкилшавии Ҷумҳурии Бухоро 80% мардуми Бухоро ба забони модарии худ, ба форсии тоҷикӣ сӯҳбат мекарданд. Ба навиштаи Саъид Нафисӣ (саҳ. 18) пас аз ҳазору анде сол забони аксари мардуми Бухоро форсӣ аст ва бештари бухороиён аз нажоди эронианд, ки имрӯза ба онон тоҷик мегӯянд. Абдулло Раҳимбоев (аз пантуркистҳои соҳибқудрат дар Осиёи Марказӣ дар нимаи аввали қарни 14/XX) дар зикри қавмҳои Осиёи Марказӣ тоҷикҳоро қавми кӯчак зикр кардааст (Шакурӣ, 1373 шамсӣ, саҳ. 391). Пантуркистҳо ҳамчунин барои хароб кардани ҳуввияти миллии тоҷикҳо мусулмонони шиъаи шаҳри Бухороро форс, ва сунниҳои Бухоро ва атрофи он ҷоро ӯзбек мехонданд (Муҳиддинов, саҳ. 375).

Бо рӯи кор омадани болшевикҳои рус, бартариҷӯии ӯзбекҳо бар қавми тоҷик дар Осиёи Марказӣ шиддат ёфт ва низоми камунистии ҳокими шӯравӣ ва туркони усмонӣ, ӯзбекҳоро тақвият карданд (Шакурӣ, 1373 шамсӣ, саҳ. 380; Ш. Шукуров, саҳ. 420).

Ҳусейнов Раиси Кумитаи ҳизб камунисти Бухоро дар 1921 / 1300 шамсӣ аз талош барои табдили беш аз ниме аз аҳолии Бухоро ба ӯзбек ва андаке ба туркман ва эронӣ ва яҳудӣ ёд кардааст (ба нақл аз Шакурӣ 1373 ш., саҳ. 385). Бинобар

матолиби рӯзномаи “Тоҷикистони Сурх” (аввали сентябри 1930/даҳуми шаҳревари 1309, шумораи 196) Абдурауф Фитрат узви дафтари сиёсии Кумитаи марказии ҳизби камунист пешниҳод карда буд, аз касоне ки дар идораҳо ба тоҷикӣ сӯҳбат мекунанд, панҷоҳ рубл ҷарима гирифта шавад (Ҳамон, саҳ. 382).

Дар замони шӯравӣ бо ҷудо шудани шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуввияти миллии қавми тоҷик латма хӯрд. Ҳамчунин, бо террори иддае аз рӯшанфикрон ва табдили хат аз форсӣ ба кириллӣ ва вайрон шудани масҷидҳо ва мадрасаҳо ба дасти болшевикҳо ба ин қавм ситам шуд (Ш. Шукуров, саҳ. 415-417; Матиндӯст, саҳ. 63). Дар қаламрави Ӯзбекистон иҷборӣ шудани зикри “ӯзбек” дар шиносномаҳои тоҷикҳо, истихдом накардани афрод бо шиносномаи тоҷикӣ, манъи интишори нашрияи тоҷикӣ, бастани мактабҳои тоҷикӣ, ва аз байн бурдани гурӯҳҳои тоҷикӣ дар донишгоҳҳо аз дигар иқдомоти ӯзбекҳо бар зидди тоҷикҳо пас аз марзбандии “табартақсим” буд. Тоҷикистон дар соли 1929/1308 ш. ба Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон табдил шуд ва дар ин кор давлатмардоне чун Абдураҳим Ҳоҷибоев, Абдуқодир Муҳиддинов, Насрулло Махсум, Аббос Алиев, Нисормуҳаммад талоши бисёр карданд ва ҳатто ҷони худро аз даст доданд. Дар марҳилаҳои баъдӣ С. Айнӣ, Б. Ғафуров, М. Турсунзода тавонистанд, ки ҳадафҳои дурандешонаи сиёсиро аз роҳҳои фарҳангӣ амалӣ кунанд ва дар бедорию худшиносии тоҷикҳо муваффақ шаванд.

Дар 1924 / 1303 ш. бо ташкили Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Ӯзбекистон беш аз ду миллион тоҷик дар он басар мебурданд. Дар омори соли 1989 / 1368 теъдоди онҳо 933 560 ҳазор нафар зикр шудааст (Масов, ҳамон ҷо). Бинобар оморҳои тахминӣ, дар Ӯзбекистони кунунӣ беш аз 7 миллион тоҷик ба сар мебаранд (Эргашев, саҳ. 26). Дар 1985 / 1363 беш аз 3 450 000 тоҷик дар Шӯравӣ ва ҳудуди 3 700 000 тоҷик дар Афғонистон зиндагӣ мекардаанд. Тибқи омори 1989 / 1368 – 4 215 372 нафар тоҷик дар Шӯравӣ сокин буданд. 3 172 420 нафар дар Тоҷикистон, 38 208 нафар дар Русия, 33 515 нафар дар Қирғизистон ва 25 514 дар Қазоқистон (Шарифов, саҳ. 485-486; Матиндӯст, саҳ. 62). Аз тоҷикҳои Осиёи Марказӣ 40% дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон басар мебаранд (Саъдизодаи Самарқандӣ, саҳ. 288). Саъдизодаи Самарқандӣ дар бораи шумораи тоҷикҳо дар Афғонистон бо истинод ба манобеъи мухталиф омори мутафовите додааст. Бо ин ҳол, худи ӯ, ки аз 1363 то 1347 шамсӣ 1985-1988 дар Афғонистон буда, шумораи тоҷикҳоро байни 50% то 60% аҳолии Афғонистон медонад (саҳ. 232-235). Ислом Каримов Президенти Ӯзбекистон дар аввали обони 1375/22 октябри 1996 гуфтааст, ки аҳолии Самарқанд ва Бухоро тоҷиканд (Айнӣ, саҳ. 3).

**Сарчашмаҳо:**

1. Абдулқодирхон Оқабош Қоҷор “Дар таҳқиқи лафзи тоҷик” дар “Тоҷикон дар масири таърих”, гирдоварӣ ва таҳқиқи М. Шакурзода, Теҳрон: Ал-Ҳудо 1373;

2. Бахтиёр Эргашев. “Китобсӯзон дар Ӯзбекистон”, Ҷаҳони китоб, соли 6, шумораи 3-6, (хурдод – тири 1380);

3. Искандар Муншӣ;

4. Ҷалол Икромӣ. “Бухоро шариф буд ва шариф мемонад” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

5. Авасто: Куҳантарин сурудаҳо ва матнҳои эронӣ, гузориш ва пажӯҳиши Ҷалил Дурустхоҳ, Теҳрон, 1374 шамсӣ;

6. Бобур императори Ҳинд. Китоби Бобурнома, чопи Бурич, Лондон, 1971;

7. Василий Владимирович Бартолд. “Тоҷикон” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

8. Муҳаммад Ҳусейн ибни Халаф Бурҳон. “Бурҳони қотеъ”, чопи Муҳаммад Муъин, Теҳрон 1342 ш.;

9. Бундҳиш. [Гирдоварӣ] Фартабъ Додагӣ, тарҷумаи Меҳрдод Баҳор, Теҳрон 1369 ш.;

10. Меҳрдод Баҳор. “Пажӯҳише дар асотири Эрон”, ҷ. 1, Теҳрон, 1362 ш.;

11. Муҳаммад ибн Ҳусейн Байҳақӣ. “Таърихи Байҳақӣ”, чопи Халил Хатиб Раҳбар, Теҳрон 1368 ш.;

12. Яшинов. “Дар аҳволот ва аслу нисбати тоифаи сорт" дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

13. Ҳасан Пирниё. Эрони бостон ё таърихи муфассали Эрони қадим, Теҳрон 1369 ш.;

14. Аҳмад Тафаззулӣ. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом, ба кӯшиши Жола Омӯзгор, Теҳрон, 1376 ш.;

15. Арнолд Ҷозеф Туинби. Ҷуғрофиёи идории ҳахоманишиён, тарҷумаи Ҳумоюн Санъатизода, Теҳрон, 1379 ш.;

16. Абдул Аҳмад Ҷовид. "Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо" дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

17. Муҳаммад Алӣ Доъиулисломӣ. Фарҳанги низом, Ҳайдаробод-Дакан 1305-1318 ш.; чопи офсет Теҳрон 1362-1364 ш.;

18. Тӯрақул Зеҳнӣ. "Калимаи тоҷик дар осори гузаштагон" дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

19. Шамсиддин Холид Сомӣ. Номус ал-эълом, чопи Меҳрон, Стамбул 1306-1316/1889-1898;

20. Муҳаммад Алӣ Саҷҷодия. “Боз ҳам тоту тоҷик” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

21. Саъид Саъдизодаи Самарқандӣ. “Аз таърихи сиёсии тоҷикони Афғонистон” дар “Тоҷикон, ориёиҳо ва фаллоти Эрон” гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода, Теҳрон, Суруш, 1380 ш.;

22. Варнер Сундерман. “Як гувоҳии куҳан дар бораи номи тоҷикон”, тарҷумаи Фаридун Маҷлисӣ, “Ҳастӣ”, давраи 2, шумораи 4 (зимистони 1379);

23. Маҳдӣ Сайидӣ. “Тоҷикон ва Тоҷикистон то ҳамлаи муғул” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

24. Муҳаммад Подшоҳ ибни Ғулом Муҳиддиншоҳ, Анандраҷ. Фарҳанги ҷомеъи форсӣ, чопи Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, 1363 ш.;

25. Рустам Шукуров. “Тоҷикон дар харобазори бузургӣ” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

26. Муҳаммадҷон Шакурӣ. “Порае аз таърихи тақсимӣ, ки бо зӯри табар сурат гирифтааст” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

27. Муҳаммадҷон Шакурӣ. “Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон”, Душанбе 1996;

28. Зайналобидин бин Искандари Шервонӣ. “Бастон-ул-сайёҳа ё Саёҳатнома”, чопи сангӣ, Теҳрон 1315; чопи офсет [б.т.];

29. Ҷалолиддин Сиддиқӣ. “Тоҷикон” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

30. Аббос Алиев. “Дифоъ аз ҳақиқат” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

31. Мӯҳсин Умарзода. “Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

32. Садриддин Айнӣ. “Маънои калимаи тоҷик” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

33. Бобоҷон Ғафуров. “Тоҷикон”, Душанбе 1377 ш.;

34. Муҳаммад ибн Ҷалолиддин Ғиёсиддини Ромпурӣ. “Ғиёс-ул-луғот”, чопи Мансур Сарват, Теҳрон 1375 ш.;

35. Маҳмуд ибни Ҳусейн Қошғарӣ. “Номҳо ва сифатҳо ва замирҳо ва пасояндҳои девони Луғат-ут-турк”, тарҷума, танзим ва тартиби алифбоии Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Теҳрон 1375 ш.;

36. Масъуди Кайҳон. “Ҷуғрофиёи муфассали Эрон, Теҳрон 1310-1311 ш.;

37. Яҳё Моҳёрнавой. “Маҷмӯаи мақолот”, ба эҳтимоми Маҳмуд Товусӣ: “Тоҷик ва тозик”, Шероз, 1377 ш.;

38. Аҳмад Матиндӯст. “Забонҳои эронии кунунӣ дар Тоҷикистон”, Номаи Порсӣ, соли 5, шумораи 2 (тобистони 1379);

39. Муҳаммад Муҳит Таботабоӣ. “Дар бораи лафзи тоҷик ва тот” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

40. Абдуқодир Муҳиддинов. “Мардуми шаҳру атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

41. Маркази омори Эрон. Саршумории иҷтимоӣ-иқтисодии ашоири кӯчанда 1377: Натиҷаҳои тафсилии кулли кишвар, Теҳрон 1378 ш.;

42. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. “Наврӯз дар Қубодиён”, Бухоро, соли 3, шумораи 4 (фарвардин-урдибиҳишти 1380);

43. Марям Мираҳмадӣ. “Қавми тоҷик ва фарҳанги тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

44. Саъид Нафисӣ. “Муҳити зиндагӣ ва аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ”, Теҳрон 1336 ш.;

45. Алӣ Акбар Нафисӣ. “Фарҳанги Нафисӣ”, Теҳрон 1353 ш.;

46. Абдулғиёс Навбаҳор. “Тоҷикони Афғонистон” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

47. Ҳеродот. “Таърихи Ҳеродот”, тарҷумаи Ҳодӣ Ҳидоятӣ, Теҳрон, 1336-1340 ш.;

48. Ҳаммом. “Тоҷикҳо” дар “Тоҷикон дар масири таърих”;

49. Юсуфшоҳ Яъқубзода. “Таърихи шаклгирии тамаддуни тоҷикон”, бознависӣ ва вероиши Ардамеҳр ва М. Шакурзода, Эроншинохт, шумораи 6 (тирамоҳи 2000);

50. С. Атахонов. “Этноними калимаи тоҷик”, “Адиб”, шумораи 3 (май-июни 2000);

51. Камолиддин Айнӣ. “Сухан ҷон аст, ҷон, ай ҷони ҷонон!”, Ҷумҳурият, шумораи 78, 14 июли 2001;

52. Мансур Бобохонов. “Таърихи тоҷикони ҷаҳон”, Душанбе, 1999;

53. Бартолд Василий Владимирович. “История культурной жизни”, Туркестан 1927;

54. Большая советская энциклопедия, [Москва], 1949-1958;

55. Энсиклопедияи Советии Тоҷик. Душанбе 1978-1988;

56. Айниддин Гадозода. «Ворисони Оли Сомон», Кӯлоб 1999;

57. Great Soviet Encyclopaedia, New York 1973-1983;

58. История таджикского народа, часть 2: Эпоха формирования таджикского народа, Душанбе 1999;

59. Раҳим Масов. “Таърихи тоҷикон бо муҳри комилан сиррӣ”, Душанбе 1989;

60. Н. Неъматов. “Давлати Сомониён: Тоҷикон дар асрҳои IX-X, Душанбе, 1989;

61. Н. Негматов. «Таджикский феномен, история и теория», Душанбе 1997;

62. Себеос. “Таърихи Себеос”, Г.В. Абгариён, Ереван 1979;

63. Шариф Шукуров. “Таджики”, Независимая газета (26 февраля 1993);

64. Ҳасанбой Шарифов. «Тоҷикони бурунмарзӣ», Душанбе 1999;

65. Баҳодур Сиддиқов. «Таджикский узел», «Завтра», № 36.

***Раҳим Мусулмониён Қубодиёнӣ***

***Дар китоби Донишномаи ҷаҳони ислом, ҷилди 1, саҳ. 2042 (ба форсӣ)***

***(Бунёди Доиратулмаорифи исломӣ)***